**ТАҚРИЗ**

**ба фишурдаи диссертатсияи Ҷанг Лей тахти унвони «Таҳлили сохторӣ ва маънои истилоҳоти забоншиносӣ (语言学) дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод шудааст.**

Мусаллам аст, ки дар нимаи аввали асри XX на забоншиносон ва на ҷомеашиносон ба истилоҳшиносӣ диққати махсус медоданд. Истилоҳот шуруъ аз солҳои 1930 ба таври назарас мавриди омӯзиши амиқ қарор гирифт.

Истилоҳот қисми зиёди луғати ҳар як забонро ташкил медиҳад. Мо истилоҳ гуфта ҳамон калима ё ибораеро меномем, ки барои муайян кардани мафҳуми хоси ҳар як соҳаи ҷудогона истифода мешавад. Бо ҳамин тартиб истилоҳ воҳиди яклухти забон аст, ки дар шакли калима, ибора, ихтисора мавриди корбурд қарор гирифта, вазифаи он ифодаи маъно ва мафҳуми махсуси соҳаҳои илм, техника, технология ва муносибатҳои иҷтимоӣ мебошад ва аз тарафи ҳамагон ба ҳамон як маъно қабул шудааст. Ҳаҷм ва мундариҷаи мафҳум, ки истилоҳ барои онҳо истифода мешавад, бо таърифҳое, ки дар адабиёт оид ба ин масъала мавҷуданд, муайян карда мешаванд. Истилоҳшиносӣ яке аз бахшҳои муҳими забоншиносӣ мебошад.

Дар забони тоҷикӣ истилоҳсозӣ ва истилоҳшиносӣ имрӯз метавонад бо пажӯҳишҳои густурда ва амиқи назарии худ қобили арзиш ва эътироф бошад. Мушкил он аст, ки то ҳол заминаи рушду инкишофи ин ришта дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ бо назардошти муқоисаи онҳо ба қадри лозим фароҳам нашудааст. Аз љумла, муқоисаи таркиби луғавии забони чинӣ бо забони тољикӣ ба дараҷаи кофӣ таҳқиқ нашуда, оид ба корбурди истилоҳоти забоншиносӣ дар забонњои тоҷикӣ ва чинӣ ягон асари илмӣ ба назар намерасад. Аз ин сабаб, на танҳо масъалаҳои грамматикӣ, балки даҳҳо мавзуъҳои мубрами вожашинохтӣ, хусусан, истилоҳсозӣ ва истилоҳшиносӣ дар забоншиносии муқоисавии тоҷик ҳанӯз ҳам дар интизори муҳаққиқони хешанд.

Дар автореферати диссертатсияи мазкур муаллиф кӯшиш намудааст, ки хусусиятҳои маъноиву сохтории истилоҳоти забоншиносиро дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ таҳқиқ намуда, умумият ва фарқиятҳоро дар ин ду забони гуногунсохтор муайян созад.

Мақсади асосии таҳқиқоти мазкур омӯзиши системавӣ, комплексӣ, муқоисавӣ, сохторӣ, луғавӣ-семантикӣ ва морфологии истилоҳоти забоншиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ дар муқоиса бо забони чинӣ мебошад.

Ҳамзамон, таснифоти истилоҳоти забоншиносӣ дар ду забони гуногунсохтор (забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ) мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқ дар он аст, ки дар натиҷаи таҳқиқоти истилоҳоти забоншиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ як қатор шабоҳат ва тафовутҳо бо истифодаи истилоҳоти мазкур дар забонҳои муқоисашаванда муайян гардид.

Инчунин, дар таҳқиқот дар низоми луғавии забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ бори аввал мавзуи омӯзиши амиқтари системавии қиёсию типологӣ қарор мегирад, ки дар он хусусиятҳои луғавию семантикӣ ва сохториву грамматикии истилоҳоти забоншиносии забонҳои мавриди омӯзиш қароргирифта ва сарчашмаҳои пайдоиши онҳо баррасӣ мешавад; бори аввал хусусиятҳои муқоисавию типологии таркиби луғавии забонҳои муқоисашаванда дар мисоли истилоҳоти забоншиносӣ нишон дода шудаанд.

Диссертатсия таҳти унвони «Таҳлили маъноию сохтории истилоҳоти забоншиносӣ (语言学) дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ» бо шиносномаи ихтисоси 10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Аз автореферати рисола бармеояд, ки рисола аз се боб ва зербобҳо иборат мебошад.

Дар муқаддима масъалаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ: мубрамият ва муҳимияти мавзуи таҳқиқот, ҳадаф ва вазифаҳо асоснок карда шудаанд, асосҳои назарариявӣ-методологии тадқиқот нишон дода шуда, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомада тавзеҳ дода мешаванд.

Боби якуми дисертатсия «Асосҳои назариявии таҳқиқи истилоҳоти забоншиносӣ (语言学) дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ» номгузорӣ шуда, аз шаш зербоб иборат мебошад ва дар он заминаҳои назариявии таҳқиқоти типологӣ, ки ба таҳлили истилоҳоти забоншиносӣ бахшида шудаандСаҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки истилоҳоти забоншиносӣ бори нахуст дар забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, типологӣ ва қиёсӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ мавриди таҳқиқи илмӣ қарор мегирад.

Боби дуюми диссертатсия «Таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти марбут ба «сарф 形态学» дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ» номгузорӣ шуда, дар ду фасл мураттаб гардидааст, ки дар онҳо хусусиятҳои сохтории истилоҳот ва роҳҳои ташаккулёбии он дар асоси таснифоти сарфӣ дар забонҳои муқоисашаванда мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Боби сеюми диссертатсия «Таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти марбут ба «наҳв 句法» дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ» ном дошта, ба таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти наҳв бахшида шудааст.

Дар хулосаи диссертатсия муҳаққиқ бардошти худро хеле муфассалу дақиқ ва равшану возеҳ ифода намудааст.

Ҳамин тавр, автореферати **Ҷанг Лей таҳти унвони «Таҳлили сохторӣ ва маънoии истилоҳоти забоншиносӣ (语言学) дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ»** бо забони хуби илмӣ таълиф шуддаст.

Автореферати диссертатсия ва 7 мақолаи диссертант, ки 3-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, пурра мундариҷаи диссертатсияро инъикос менамоянд. Дар маҷмӯъ автореферати диссертатсияи **Ҷанг Лей таҳти унвони «Таҳлили сохторӣ ва маънoии истилоҳоти забоншиносӣ (语言学) дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ»** ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳо аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ сазовор аст.

**Муқарриз**

номзади илмҳои филологӣ,дотсент,
мудири кафедраи забонҳои хориҷии
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес
ва сиёсати Тоҷикистон Эгамназаров Ҳамза Ҳақназарович

**Суроға:**
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Вилояти Суғд, н. Б.Гафуров, маҳаллаи 120, хонаи 21, хуҷраи 35
Тел: (992) 92-875-57-54
E-mail: hamzajon_19@mail.com

Имзои Эгамназаров Ҳ.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес
ва сиёсати Тоҷикистон Мирпоччоев И.Ҳ.
“ 18 ” октябри 2023

**Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд,
ш. Хуҷанд, 17 мкр., хонаи №1
www.tsulbp.tj
E-mail: tsulbp@rambler.ru
тел: 83422 2-38-11